# ҚАРОРИ

**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 25 апрели соли 2025, №60** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов Абдулхайр Каримович, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Шарифзода Баҳром Маҳмуд – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, Икромӣ Нуриддин Қиём – номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С., н.и.и. Убайдуллоев Ф.К. ва аъзои шурои диссертатсионӣ Саидмуродзода Л.Ҳ. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Одиназода Сафаралӣ Пулодхонро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси**
шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Фақеров Ҳ.Н.

**Котиби илмии**
шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ — Убайдуллоев Ф.К.

**25 апрели соли 2025**